Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Вазъи забони давлатӣ дар фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи кишвар», 20-уми июни соли 2019

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 25 Апрел, 2019 - 12:05
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20-уми июни соли 2019 конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявиро бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ, «Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва «10-солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти унвони «Вазъи забони давлатӣ дар фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи кишвар» бо иштироки

олимону донишмандон ва рӯзноманигорони кишвар ба нақша гирифтааст.
Дар конференсия масъалаҳои зерин баррасӣ мешаванд:
• Риояи талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ;
• Вазъи иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ВАО;
• Мушкилоти татбиқи меъёрҳои забони адабӣ дар ВАО;
• Тарғиб ва арҷгузорӣ ба забони давлатӣ.

Талаботи пешниҳоди маърӯзаҳо дар шакли мақола
Матнҳои ирсолшуда бояд таҳрир ва ба талаботҳои техникии зерин ҷавобгӯ бошанд:
- маърӯзаҳо дар ҳаҷми аз 4 то 6 саҳифаи чопӣ дар саҳифаи формати Word;
- варақаи андозаи А 4, фосилаҳо аз боло 2 см., аз поён 2 см., аз чап 3 см., аз рост 1,5 см;
- фосилаи байни сатрҳо 1,5 ҳуруфи Times New Roman ва Times New Roman Tj,
- андозаи ҳарфҳо 14 дар шакли хаттӣ ва электронӣ;
- ному насаб, унвон ва дараҷаи илмӣ, вазифаи ишғолкардаи муаллиф бо пуррагӣ дар гӯшаи рости варақ баъди унвони маърӯза.
Маводи конференсия дар шакли маҷмӯа чоп мешавад.
Дархост барои иштирок ва матни маърӯза то 30-юми майи соли 2019 ба Кумитаи тадорукот супорида шавад.

Нишонии мо: шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ошёнаи 3-юми бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм»)
Телефонҳо барои тамос: 227 28 69; 93 893 96 09.
Сомонаи электронӣ: kumitaizabon@mail.ru [1]

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Конференсияҳо [2]
- Кумита [3]
- Фаъолият [4]

Манбаъ::http://kumitaizabon.tj/tg/content/konferensiyai-ilmiyu-amalii-chumkhuriyavi-takhti-unvoni-vazi-zaboni-davlati-dar-faoliyati?p=355

Пайвандҳо
[1] mailto:kumitaizabon@mail.ru [2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BA%D0%BE%D0%BD%D1%84%D0%B5%D1%80%D0%B5%D0%BD%D1%81%D0%B8%D1%8F%D2%B3%D0%BE [3] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BA%D1%83%D0%BC%D0%B8%D1%82%D0%B0 [4] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE%D0%BB%D0%B8%D1%8F%D1%82